# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) дар осмони паҳновари илму адаби форсу тоҷик яке аз ситораҳои дурахшонтарин буда, бо андешаҳои олӣ, нерӯи халлоконаи сухан, дониши доманадор дар фарҳангу адабиёт дар радифи суханварони бузург ба монанди Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва дигарон ба чунон мақоми арҷманде сазовор аст, ки ӯро дар Шарқу Ғарб баъзеҳо хотиматушшуаро ва гурӯҳе ҷамъбасткунандаи тамоми муваффақиятҳои даврони классикии адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XV) медонанд.

Диссертатсия Назар Бохруло ба пажуҳишу баррасии масъалаҳои қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ бахшида шуда, диссертант ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ ноил гардидааст.

Мутолиа ва баррасии автореферати муҳаққиқ нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфтаи илмӣ буда, бартариҳои зиёде дорад. Сохтор ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи таълифи автореферати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, он ба пуррагӣ мундариҷаи пажуҳиши илмиро фаро гирифтааст. Хулоса ва натиҷагириҳои муҳаққиқ қобили эътимод мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ, имкон дорад дар таълиф ва таълими китобҳои дарсӣ, таълифи таърихи адабиёти классикии тоҷик, таърихи назариёти адабӣ, таърихи нақди адабӣ, адабиётшиносӣ, нигориши диссертатсияҳои докторӣ, номзадӣ, рисолаҳои магистрӣ ва корҳои дипломӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Чунон ки дар автореферат зикр гардидааст, диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, панҷ зерфасл хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 168 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар қисмати муқаддима муҳаққиқ доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, алоқамандии таҳқиқ бо барнома ва мавзуи илмӣ ва дар қисмати тавсифии умумии кор доир ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назарии таҳқиқ, сарчашма ва навгониҳои диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Боби аввали диссертатсия – “Назариёти Абдурраҳмони Ҷомӣ оид ба нақш ва ҷойгоҳи қофия ва радиф дар шеър” ном дошта, маҷмуан матлабҳои муҳимми мавриди таҳқиқи муаллиф дар ду фасл шарҳу баён шудаанд. Масъалаҳои назарӣ ва амалии истифодаи қофияву радифро муҳаққиқ дар эҷодиёти Ҷомӣ дар мисоли таҳқиқоти донишмандони классикӣ, аз ҷумла Муҳаммад ибни Умар ар-Родуёнӣ, Рашиди Ватвот, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шамси Қайси Розӣ, Низомии Арузии

Самарқандӣ ва донишмандони муосир Алиасғари Ҳикмат, Ҳошими Разӣ, Н. Сайфиев, Х. Шарифов, Р. Ҳодизода, Ш. Ҳусейнзода, А. Афсаҳзод, А. Зуҳуриддинов, А. Сатторзода ва Абдулҳусайни Зарринкӯб ба пажуҳиши муқоисавӣ гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки "Қофия ва нақши он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" номгузорӣ шудааст, аз се фасл иборат буда, муҳаққиқ дар он асосан масъалаи истифодаи бамавриди қофияро дар ғазалиёти Ҷомӣ ба пажуҳиш гирифтааст. Аз андешаи муаллиф бармеояд, ки Мавлоно Ҷомӣ аз он шоирони муваффақ ва мубтакир аст, ки ин унсури калидии шеърро дар ғазалиёташ дониставу тавониста ва ба ваҷҳи аҳсант истифода бурдааст.

Боби сеюми диссертатсия – "Радиф ва таҳаввули он дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ" ном дошта, аз ду фасл Назари донишмандон роҷеъ ба хостгоҳи радиф, Сохту таркиб ва ташаккулу таҳаввули радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва панҷ зерфасл Анвои радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои феълӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои исмӣ, масдарӣ, сифатӣ, ҷонишинӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, Радифҳои маъмулӣва ғайриодӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Вижагиҳои бадеию ҳунарии радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ иборат мебошад. Дар ин боб асосан масъалаи радиф ҳамчун унсури муҳимми шаклсоз ва маъниофар ки хосси шеъри форсии тоҷикист, ба пажуҳиш кашида шудааст. Диссертант ҳангоми муайян намудани сохтори радиф дар ғазалиёти Мавлоно Ҷомӣ таъкид мекунад, ки радиф дар сохти офариниши Ҷомӣ нақши савтиву мусиқоӣ ва имтиёзи махсус дорад. Ҳамчунин маҳорати истифодабарии радифро аз ҷониби шоир, ки тавонистааст "робитаи низоми овоии калимаҳоро таъмин ва ҳамнавоии мутаносибро миёни унсурҳои сохтории ғазал барқарор кунад ва такмил бахшад"(Дис. с 133) мавриди таваҷҷуҳ қарор додааст.

Автореферати диссертатсияи муҳаққиқ бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва хулосаю тавсияҳо мушаххас мебошанд. Мақолаҳои батабърасонидаи муҳаққиқ низ пурра муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Хулосаи кор хуб аст, муҳаққиқ тавонистааст, ки дар ҳаҷми 12 нукта асоситарин натиҷаҳои бобҳову фаслҳои таҳқиқоти худро ба таври муҷаз баррасӣ намояд. Зимни хулоса тавсияҳои муҳаққиқ низ қобили ситоиш мебошанд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати он ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муаллифи он дар ин кор ранҷи зиёд кашидаву адабиёти зарурӣ ҷамъоварӣ намудааст. Хусусан, бояд қайд кард, ки забони диссертатсия басо равон буда, талаботи услуби илмӣ дар он риоя шуда, ҷавобгӯйи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ мебошад. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо

низ ба назар мерасанд, ки рафъи онҳо ба салоҳи кори муҳаққиқ хоҳад буд. Чунончи:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки хуб мешуд, бо ишораи иктифо карда шавад.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ (саҳифаҳои 11, 4, 27, 29) ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки эродҳои зикршуда дар қиёс бо муваффақиятҳои кор, аҳаммияти дуюмдараҷа доранд ва бар муҳтаво ва мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Муваффақиятҳо ва дастовардҳои кор нисбат ба эродҳои боло ба маротиб зиёданд, зеро он чи дар боло зикр гардид, асосан ба сурати пешниҳод манзур гардид.

Автореферат ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тавр, мебояд хулоса кард, ки таҳқиқоти Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

**Доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Солеҳов М.**
**«22» апрели соли 2023**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Рудакӣ, 17.**
**Тел.: (+992) 981-06-78-75**

**Имзои М. Солеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

25.04.23

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Рудакӣ, 17.**
**Тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**
**E-mail: info@tnu.tj**